ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «25» 08 соли 2026 № 303/бд ш. Душанбе

Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани
диссертатсияи Нодирзода К.А.

Мутобиқи сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва банди 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Диссертатсияи Нодирзода Комилҷон Алимурод дар мавзуи «Тағйирёбии иқлим дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060400 - Физика (6D060424 - Метеорология, иқлимшиносӣ, агрометеорология) бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-055 назди Институти физикаю техникаи ба номи С.У. Умарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бекор карда шавад.
2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Нодирзода К.А. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060400 - Физика (6D060424 - Метеорология, иқлимшиносӣ, агрометеорология) тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро ба муассисаи илмӣ дастрас ва дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Нодирзода К.А. аз 24.08.2026, №02-04/127 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ.

Раис Сайфиддин Давлатзода

НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ